**ҲАЗРАТ САБОҲӢ**

# ЯЪҚУБИ ЛАЙС

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2010

Муҳаррир **Зиё Абдулло**
Мусаввир **А. Абдуллоев**



ISBN 978-99947-57-95-4

© Ҳазрат. Сабоҳӣ, 2010

Яъқуби Лайс дар охири асри нӯҳум, яъне як ҳазору сад сол пештар аз имрӯз умр ба сар бурдааст. Вай мисгари оддӣ буд, бо лақаби Саффор шӯҳрат дошт.

Он замон Хуросонро аз ҳамлаҳои қабилаҳои кӯчӣ асосан ихтиёриён муҳофизат мекарданд. Яъқуби Лайс низ як нафар ихтиёрӣ буд. Вай дар оғози муборизааш ба ягон даста ҳамроҳ мешуд, аммо ин дастаҳо одатан шикаст мехӯрданд, чунки парокандаву камқувват буданд ва сарварони доною ҷасур надоштанд. Аз ин сабаб Яъқуби Лайс чанд дастаи ихтиёриёнро муттаҳид сохт ва ба он худаш сарвар шуда, ҷониби Систон лашкар кашид.

Дар Систон мардум ошӯб дошт. Вақте ки сарбозон ба шаҳр расиданд, ошӯбгарон онҳоро бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Аз ҳар ҷониб нидоҳои шодӣ ба гӯш мерасид.

– Хуш омадӣ. Яъқуб!

– Ту дӯстӣ мо ҳастӣ, мо бо туем!

– Амр деҳ, Яъқуб! Мо мунтазири амри ту ҳастем!



Соли 861 сарбозони Яъқуби Лайс дар Систон ғалаба карданд. Лашкаркаши бузург рӯҳбаланд

шуд ва қувваи тоза гирд оварда, ба тарафи Нишопур, ки пойтахти Хуросон буд, равон гашт ва соли 873 онро низ ба даст даровард.

Яъқуби Лайс тарафдори камбағалон буд, барои онҳо ҳар кори неке аз дасташ меомад, бедареғ мекард. Ин буд, ки ӯ ба накӯкориву меҳрубонӣ ном баровард. Дар Нишопур деҳқонону асилзодагони тоҷик сафи лашкари Яъқубро хеле зиёд карданд. Сарбозон хоҳиш намуданд, ки ба Бағдод ҳамла оранд, то кӯчиёнро аз Хуросон батамом берун кунанд.

Он гоҳ Яъқуби Лайс ҳилаи чӣ гуна ба Бағдод даромаданро андешид. Ва ёфт: – Ба халифа мегӯям, ки ман ба зиёрати ту меоям. Бо ҳамин мазмун ба халифа нома навишта бо лашкари зиёд ба роҳ баромад. Дар роҳ буд, ки номаи ҷавобии халифа ба Яъқуб расид: «Аз роҳ бозгард, маро дар Бағдод намеёбӣ, зеро ман ба шаҳри дигаре сафар дорам»-навишта буд халифа. Вале Яъқуб дубора нома фиристод, ки ман

ҳатман бояд туро зиёрат кунам. Халифа номаро гирифта хавотир шуд. Ва бо наздиконаш машварат кард, ки Яъқуб нияти нек надорад. Мо ҳам ҳилае андешем, гуфт. Маслиҳат шуд, ки «Мо ҳам бо лашкари зиёд ба пешвози Яъқуб меравем. Ҳамин ки лашкарҳо ба ҳам наздик шуданд, ҷорчӣ ҷор меандозад, ки «Яъқуб ба зиёрати халифа не, балки барои барҳам додани ислом ба Бағдод роҳ гирифтааст!» Ҳамин тавр карданд. Баъди шунидани сухани ҷорчӣ ними лашкари Яъқуб, ки аз арабҳо ва авоми мутаассиб[1] буданд, тарафи лашкари халифа гузаштанд ва муқобили ҳамсафони худ ва Яъқуб ҷангиданд. Душманон ӯро шикаст доданд. Яъқуб ба Нишопур баргашт.

Ин шикаст хӯрдан барои Яъқуб марговар набуд. Вай ҳанӯз пурқувват буд. Аҷнабиён низ инро ҳис карда буданд, ки таъқиб накарданд, ҳатто орзуи Хуросон накарданд. Яъқуби Лайс худро ҳокими Хуросону Мовароуннаҳр эълон

[1] Мутаассиб – Якрав, кӯр, якандеш, кӯҳнапарасти ашаддӣ, аз меъёр гузаронда.

намуд. Давлате, ки ӯ бунёд кард, давлати Саффориён ном гирифт.



Яъқуби Лайсу бародараш Амру Лайси Саффорӣ то соли 90-ум давлатдорӣ карданд. Замони ҳокимияти онҳо замони эҳёи забони форсӣ ва анъанаҳои асили мардум буд.

Соли 900 Саффориёнро Сомониён иваз карданд.

**ҲАЗРАТ САБОҲӢ**

**ЯЪҚУБИ ЛАЙС**

(Барои кӯдакони хурд ва синфҳои ибтидоӣ)

Муҳаррири ороиш **О. Раҳмонӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ **М. Саидова**
Ҳуруфчини компютерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа… таҳвил гардид. Чопаш… ба имзо расид.
Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$. Коғаз ва чопи офсетӣ. Хуруфи адабӣ.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 3000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи С/И «Маҳмудҷон» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, ноҳияи Рудакӣ, кӯчаи Зафар
Тел.:919 94 80 80